**Тақриз**

ба автореферати рисолаи номзадии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).- Душанбе, 2023.-31 с.

Рисолаи номзадии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)" таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, тавсия ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Фишурдаи рисола ҳамаи масъалаҳои сохтории рисоларо фаро гирифтааст. Дар муқаддимаи фишурдаи рисола аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхташавии мавзуъ, мақсад ва вазифаи таҳқиқи мавзуъ, метод ва методологияи таҳқиқи мавзуъ, сарчашма ва объекти таҳқиқи мавзуъ, предмети таҳқиқот, навоварии рисола, арзиши назарӣ ва амалии мавзуъ, апробатсияи рисола ва сохтори рисола пурра ифода ёфтааст.

Дар қисмати "Муҳтавои асосии диссертатсия" бобу фаслҳои рисола ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Боби якуми рисола "Муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ҳамчун сарчашмаи ташаккули афкори педагогии мутафаккирони тоҷик" унвон дошта, дар он муҳаққиқ оид ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ андешаҳои судманд ироа намудааст. Ҳангоми баррасӣ ва таҳқиқи ин мавзуъ ба пажӯҳишҳои боэътимоди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ муроҷиат карда, бо истифода аз методи муқоисаи таърихӣ бардошт ва афкори хешро саҳеҳ ва дуруст ба риштаи таҳрир кашидааст.

Фасли аввали боби мазкур таҳти унвони "Таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик" ихтисос ёфта, дар он масъалаҳои умдаи ҳаёти илмиву фарҳангии ҳавзаи адабии Мовароуннаҳру Хуросон баррасӣ ва матраҳ гардидааст, ки дар зимн равнақу густариш ёфтани афкори педагогии садаи XI-ро бо такя аз санаду мисолҳои мушаххас таъкид намудааст. Муаллиф дар фаслҳои дуюм ва сеюми боби якум атрофи мақом ва манзалати оила ва вазоифи оиладорӣ бар мабнои таълифоти мутафаккирони намоёни форсу тоҷик Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ ҳарф зада,

дар парваришу омӯзиши насли инсон муҳим ва муассир тавсиф намудааст. Воқеан ҳам, баҳрабардорӣ намудан аз офаридаҳои судманди ин бузургон дар муҳкаму устувор нигоҳ доштани оилаҳои ҷавон дар замони кунунӣ бамавқеъ ва дақиқона рӯи сафҳа омадааст, ки ин таҳлилу таҳқиқи комил ба сифати сухани тоза ва қобили мулоҳиза дар фишурдаи рисола инъикос гардидааст. Тазаккур бояд дод, ки нақш ва ҷойгоҳи хонавода дар таълиму тарбияи фарзанд ва арҷ ниҳодан ба арзишҳои оиладорӣ аз дидгоҳи ин ду суханвар ҳамаҷониба таъкид ва таъйид ёфтааст.

Боби дуюми рисола "Технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии ҷомеаи муосир" ном гирифта, аз се фасл фароҳам омадааст. Мусалламан, ташкили оила, ки ба сифати хурдтарин ниҳод дар ҷомеа шинохта шудааст, аз падару модарон ва ҳар шаҳрванд хоҳони он аст, ки бо истифода аз омӯзаҳои гуҳарбори нодирамардони адабиётамон судҳо бардошта, дар шеваи тадбири он пурмасъулият ва огоҳона дар муомилаву муносибат бошанд. Ин нуктаи муҳим бо кулли паҳлуҳояш дар рисола бо овардани мисолҳои возеҳу боэътимод дарҷ гардидааст.

Инчунин муҳаққиқ оид ба арзишҳои оиладорӣ дар замони кунунӣ миёни хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ ва падару модарон пурсиши хаттӣ доир намуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардааст. Таълими ҳатмии фанни "Маърифати оиладорӣ" дар муассисаҳои таълимӣ, албатта, бо интишори дастуру китоби ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир, ки бозгӯкунандаи вежагиҳои расму одати мардум ва арзишҳои оиладории миллиамон бошад, аз назари муаллиф дур наафтодааст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷа ва мулоҳизаҳои худро дар заминаи осори пурмуҳтавои Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ ҷамъбаст намуда, дар масъалаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва бунёди оилаи солим муомилаву муошират, хулқу атвор, муносибати муҳтарамонаи хонаводагӣ ва таъсири аҳли ҷомеаро муҳим ва муфид донистааст, ки ин арзёбӣ шоистаи таҳсин мебошад. Тавсияҳои ироанамудаи муҳаққиқ дар роҳи баланд бардоштани маърифати оиладорӣ ба падару модарон, фарзандон ва аҳли ҷомеа арзиши муҳими назарӣ ва амалӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, метавон рисолаи мазкурро аз рӯи маводи пажӯҳишӣ ва ҳалли амиқи масоили мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ кард.

Дар баробари муваффақиятҳо дар фишурдаи рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасад, ки муаллиф бояд дар нашрҳои баъдӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир кунад.

1. Муаллиф дар шинохти омилҳои пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва роҳҳои пешгирии он дар таҳқиқоти баъдӣ пешниҳодҳои мушаххас манзур кунад.

2. Дар матни фишурдаи рисола баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтааст, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад буд.

Автореферат бо забони равони илмӣ навишта шуда, дар он мазмун ва муҳтавои рисолаи номзадӣ пурра сабт гардидааст ва ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2016 оид ба додани унвони илмии номзади илм ва доктори илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он Олимов Тағойбек Шодиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогика
ва психологияи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Ашӯрова Дилором
**Нишонӣ:**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6.
тел:+992(37) 232 5000, 2328730
Сайт:wwwddzt.tj E-mail: info (a) ddzt.tj

Имзои Д. Ашӯроваро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Б. Юсупова

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ:**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 17/6.